# 21 10 2019




Дар охири асри 20 ва ибтидои асри 21 инсоният ба хатари чиддие мисли ифротгарой ва терроризм рӯ ба рӯ шуд, ки ба хастии оламу одам таъсири манфии худро расонида истодааст. Албатта, аз таърих хуб огох хастем ва медонем, ки экстремизм ва терроризм падидаи нав нестанд. Аз ахди кадим то давраи нав, хам одамони алохида ва хам гурӯххои манфиатчӯ ба воситаи тарсонидан, тахдид намудану дахшатафканӣ максадхои нопоки худро болои дигарон бор менамуданд, ки дар натича одамони бегунох чони худро аз даст медоданд. Ин раванд то рафт реша давонида, падида ва хусусиятхои навро касб намуд. Яъне амалхои экстремистӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифта доираи амалиётхо васеъ гардиданд. Дар баробари рушд ва инкишоф ёфтани техника ва технологияи нав шаклу намудхои нави терроризм (аз чумла кибертерроризм) ба вучуд омаданд, ки имрӯз чомеаи чахониро ором гузошта наметавонад.

Имрӯзхо ифротгарой ва терроризм тамоми кишвархои дунёро фаро гирифта, террористон амалхои нопоки худро зери никоби дини мубини ислом содир мекунанд. Яъне онхо худро хамчун рӯхонӣ нишон дода, кору амалашон танхо ва танхо иснод овардан мебошад. Хамагон аз сайтхои интернетӣ ва рӯзномаю мачалахо хуб огохӣ меёбанд, ки дар шароити муосир созмонхои гайриконунӣ, гурӯххои фитнаафкану мочарочӯ ва шахсони рӯхияи террористидошта фаъолияти худро шиддат бахшида, аз роху воситахои зиддиинсонӣ, зиддиахлокӣ бо берахмии том истифода мекунанд. Авчи ифротгарой ва терроризм чомеаи чахониро ба хулосае овард, ки бо ин зухуроти номатлуб бояд дастачамъона мубориза бурд. Имрӯз дар хама давлатхои чахон бахри мубориза ба мукобили терроризм конунхои зиёде кабул гардидаанд.

Дар Чумхурии Точикистон соли 1993 Конуни ЧТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва соли 2003 Конуни ЧТ «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгарой» кабул

шудааст, ки дар онхо мафхумхои асосӣ ва самтхои асосии мубориза бар зидди ин зухурот муайян шудаанд, ки ба талаботи санадхои байналхалкӣ чавобгӯ мебошанд.

Боиси таассуф аст, ки хамарӯза аз тарики васоити ахбори омма мешунавем, ки дар ин ё он давлати мусулмонӣ амали террористие рух додаасту теъдоди зиёди одамони бегунох, бахусус кӯдакону чавонон курбонӣ шудаанд. Бояд дар ёд дошта бошем, ки ифротгароӣ ва терроризм падидахое мебошанд, ки дар хама давру замон ба инсонхо хавфу хатари чиддиеро ба миён овардаву меоранд. Барои мубориза бурдан бо ин падидахои зишт дастачамъона мубориза бояд бурд. Тадкикотхо гувоханд, ки аксаран вакт нафароне барои содири амалхои террористӣ чалб мегарданд, ки чавонанду дорои саводи паст ё ин ки умуман, аз тахсил дур мондаанд. Аз ин лихоз, моро мебояд, пайваста дар пайи омӯзиш ва аз бар кардани донишхои замонавӣ бошем ва хеч гох майли ворид шудан ба ин ё он гурӯху созмонхои ифротиро накунем, ки бешак ин худ як навъ пешгирӣ ва зарбаи сахтест ба хадафхои нопоки афроде, ки ин гурӯху созмонхоро сарпарастӣ ва рохбарӣ мекунанд.

Мо бояд шукргузор аз он бошем, ки дар фазои сулху вахдат хаёти осоишта ба сар мебарем ва мехнату талоши худро пайваста барои андӯхтан ва аз бар кардани донишхои замонавӣ равона созем ва хечгох рох надихем, ки моро барои ворид шудан ба хар гуна хизбу харакатхое, ки максадашон халалдор намудани фазои сулху субот, барангехтани кинаю адоват, ифротгароӣ ва терроризм аст, чалб намоянд, яъне аз ин зухуроти номатлуби аср худдорӣ бояд намоем.

Максади аслии терроризм заиф намудани хокимият, манфур нишон додани чехрахои гуногуни сиёсӣ дар дохили як кишвар ва ба даст овардани хокимият мебошад.

Имрӯз терроризм на танхо ба хаёти инсонхо, балки ба тинчию оромӣ ва ободии хонадони халк ва сохибихтиёрии давлат тахдид дорад.

Хифзи Ватан, посдории арзишхои миллӣ, фархангу маънавиёт ва ояндаи давлат аз ин зухуроти манфии чахонишуда, вазифаи мукаддаси хар фарди ватандор мебошад.

**Бехрӯз Мирзорахимов, омӯзгори МТМУ 142-и шахри Хисор.**